# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-016
## назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 29-уми августи соли 2025 шаҳри Душанбе

Суханронии Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистсон, тақризи муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Хушвахтзода Қ.Х. ва суханронии муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ – Комилзода Н.Б., муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда доктороні илмҳои иқтисодӣ, профессорон – Раҷабов Р.К., Насиров Р. ва Раҳматзода Ҳ.Б.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Исломзода Обид Олим

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

**1.** Диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

**2.** Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

**3.** Ба Исломзода Обид Олим дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад.

**4.** Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Исломзода Обид Олим аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед:

Тарафдор 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Шарифов Зариф Раҳмонович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевич